**Ба Шӯрои диссертатсиони 6D.КОА-002-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Шарифов Шухратҷон Ҷалилович дар мавзӯи "Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Шарифов Шухратҷон Ҷалилович дар мавзӯи "Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон" нахустин таҳқиқоти бунёдии илмӣ оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Таҳқиқот дар заминаи таҳлили имконоти назариявию амалӣ, мушкилоти ҷойдошта ва проблемаҳои муносибатҳои соҳибкорӣ дар бозори меҳнат омода гардида, инчунин роҳҳои ҳалли мушкилоти мазкур нишон дода шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсаду ҳадаф, вазифа ва мантиқи таҳқиқот дар он инъикос ёфтааст.

Нуктаҳои муҳим ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин, таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил намудани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар соҳаи мазкур аҳамияти калон ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимон, таҷрибаи ҶТ ва кишварҳои дигар муаллиф қайд менамояд, ки дар бозори меҳнат хизматрасонӣ оид ба таъминоти кадрӣ ҷиҳати интихоб ва ба кор таъмин кардани кормандон амалӣ мегардад ва он аз чунин зернамудҳои шартномаи хизматрасонии пулакӣ иборат мебошад: